*Хонандаи мӯҳтарам!*

***Ҳар яки мо дар шароити имрӯза аз нарасидани маблағ барои пешбурди рӯзғор танқисӣ мекашем. Аз эҳтимол дур нест, ки Шумо барои харидори намудани хона, мошин пеш бурдани рӯзғор ё ин ки сару либос аз ҳамсоягон ё ин ки рафиқонатон пул қарз гирифта бошед.***

Аз ин рӯ, мавзӯи навбатии мо «Шартномаи қарз» мебошад, ки мо ба Шумо оиди шартномаи қарз чист, киҳо дар шартнома иштирок менамоянд, кадом шарту шароитҳо дар шартнома вуҷуд доранд ва кадом намудҳои шартномаи қарз дар шароити имрӯза вуҷуд доранд,маълумот хоҳем дод.



Мувофиқи шартномаи қарз **як тараф (қарздиҳанда) ба тарафи дигар (қарзгиранда) ба моликият пул ҳ ашёи дорои аломати навъи муайянро месупорад ва қарзгиранда ӯҳдадор мешавад, ки ба қарздиҳанда ба тарзи якдафъаина ҳ давра ба давра ба ҳамин андоза маблағ ҳ баробар ба теъдоди ашёи ба қарз гирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат (маблағи қарз)-ро баргардонад. Шартномаи қарз аз лаҳзаи супоридани пул ё ашё басташуда ба ҳисоб меравад.**

**Тарафҳои шартнома – қарздиҳанда ва қарзгиранда.**

**Қарздиҳанда** – ин шахсе, ки пул ҳ ашёи дорои навъи муайянро месупорад.

**Қарзгиранда** – ин шахсе, ки пул ҳ ашёи дорои навъи муайянро мегирад.

Қарзгиранда метавонад ҳам **шахси ҷисмонӣ бошад (яъне шаҳрванд) ҳам шахси ҳуқуқӣ (ташкилот, муассиса ва ҳоказо).**

**Шакли шартномаи қарз, вобаста аст аз андозаи пули қарз гирифташуда.** Мувофиқи Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар пули қарз **на камтар аз 10 маротибаи андозаи маоши ҳадди ақал баланд бошад ( 120 сомони) ин шартнома бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.** Агар **қарздиҳанда** шахси **ҳуқуқӣ бошад**, новобаста аз пули қарз, ин **шартнома дар шакли хаттӣ баста мешавад**. Барои тасдиқи шартномаи қарз ва шартҳои он **забонхат ё дигар ҳуҷҷате**, ки ба ӯ аз ҷониби қарздиҳанда додани маблағи муайян ё теъдоди муайяни ашёро тасдиқ мекунад, пешниҳод карда мешавад.

Мувофиқи Кодекси Граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки қарздиҳанда аз қарзгиранда аз маблағи қарз тибқи андоза ва тартиби муайяннамудаи шартнома **гирифтани фоизро ҳуқуқ дорад**. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоиз андозаи он тибқи ставкаи ба таври дахлдор **муайяннамудаи фоизи бонк дар рӯзи аз ҷониби қарзгиранда баргардонидани қарзи худ ё як қисми дахлдори он муайян карда мешавад**.

**Шартномаи қарзе, ки байни шаҳрвандон ба маблағ на бештар аз андозаи 50 каратаи маоши ҳадди ақали ( 600 сомони) баста шудааст ва ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ҳатто яке аз тарафҳо алоқаманд намебошанд бидуни фоиз тахмин шуданаш**

**мумкин аст, агар мувофиқи шартнома ашё дода мешавад,на пул**.

**Ӯҳдадории асосии қарзгиранда** – ин тибқи мӯҳлат ва тартиби пешбининамудаи шартнома баргардонидани пули гирифташуда. Дар ҳолате, ки агар мӯҳлати баргардонидани қарз дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, он бояд аз ҷониби қарзгиранда дар мӯҳлати **30 рӯз аз рӯзи пешниҳод намудани талабот аз ҷониби қарздиҳанда баргардонида шавад**. Қарзгиранда метавонад маблағи пешниҳод кардаи қарзро пеш аз мӯҳлат барагардонида диҳад. Фоизҳо оид ба қарз дар ҳар лаҳза пеш аз мӯҳлат пардохта шуданашон мумкин аст.



Маблағи қарз аз лаҳзаи ба қарздиҳанда додани қарз ё гузаронидани маблағи пулии дахлдор **ба суратҳисоби бонкии ӯ баргардонидашуда ба ҳисоб меравад.**

Аммо ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки қарзгиранда сари вақт пули қарзгирифтаашро бар намегардонад.Дар ҳолате агар қарзгиранда **қарзро барнамегардонад** дар ин сурат ба қарзгиранда аз рӯи ставкаҳои фоизи бонки, п**ардохт карда мешавад то баргардондани қарзро.** Ин фоизе, ки дар шартномаи қарзи пешниҳод карда шудааст дода мешавад.

Акнун, воситаҳое пулие, ки боиси баргардонидан дар натиҷаи вайрон кардани аз тарафи қарзгиранда ӯҳдадориҳои худ мегардад, аз маблағҳои зерин иборат аст; маблағи қарз, фоизҳое, ки барои истифодаи воситаҳои пули муқаррар шуда буданд, фоизҳое, ки



барои вайрон кардани мӯҳлати баргардонидани маблағи қарз гузошта шуда буданд. Дар он ҳолатҳое, ки агар дар шартнома қисман баргардонидани қарз (давра ба давра) пешбинӣ гардида бошад, дар ин сурат ҳангоми аз ҷониби қарзгиранда вайрон кардани мӯҳлати барои баргардонидани қисми навбатии қарзи муқарраргардида қарздиҳанда ҳуқуқ дорад пеш аз мӯҳлат баргардонидани ҳамин маблағҳои қарзи боқимондаро якҷоя бо фоизҳои марбута талаб кунад.



Дар ҳаёт ҳолатҳое бо номи «қарзи беасор» шуданаш мумкин, ки қарзгиранда дар ҳақиқат **пул ё ашёро (қарзи асъор) воқеан қарздор аз қарздиҳанда нагирифтааст ё нисбат ба он чи дар шартнома зикр гардидааст андозаи камтарро ташкил медиҳанд**. Бо мақсади ҳимояи қарзгиранда аз қарздиҳандаи беинсоф дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки **тартиби бахс вобаста ба шартномаи қарз пешбини карда шудааст**. Қарзгирандае, ки ин тартибро истифода мебарад ӯ афзалияти муайян мегирад. Масъалан, агар шартномаи қарз, бо вайрон намудан шакли оддии хаттӣ баста шавад, вайрон карда шудааст, дар он ҳолати агар қарз таҳти таъсири фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созишномаи бадаҳдонаи намояндаи қарздиҳанда ба қарзгиранда ё ба миён омадани ҳолатҳои вазнин гирифта шудааст, қарзгиранда метавонад барои ҳимояи худ аз баёноти шоҳидон истифода барад. Агар дар суд исбот карда шавад, ки пул ё ашё аз қарздиҳанда гирифта

нашудааст, ин шартнома баста шуда ҳисоб карда намешавад. Дар сурате, ки агар пул ё ашё дар ҳақиқат аз ҷониби қарзгиранда нисбат ба оне, ки дар шартнома зикр гардидааст, камтар гирифта шуда бошад, шартнома ба андозаи ҳамин маблағ ё теъдоди ашё басташуда ба ҳисоб меравад.

Дар қонунҳои ҷорӣ ду намуди шартномаи қарз вуҷуд дорад. : **Қарзи мақсаднок ва қарзи давлатӣ**. Инҳоро ҳаматарафа мехостем баррасӣ намоем.

**Қарзи мақсаднок -** аз тарафи қарздиҳанда додани пул, бо шарте, ки ин қарз бо мақсади муайян истифода карда мешавад ва қарзгиранда вазифадор мешавад тибқи мақсад истифода гардидани маблағи қарзро назорат намояд. Зарурият ба ин метавонад дар ҳолате пайдо гардад, ки агар ин хел муносибатҳо байни ташкилоти тиҷорати ҳангоме барқароркарда шавад, ки қарздиҳанада мехоҳад фаҳмад, ки ба куҷо пули қарздодаашро харочот менамоянд. Масъалан, корхона ба коргари худ пул қарз медиҳад ба барои харидани хона. Дар сурати аз ҷониби қарзгиранда иҷро накардани шартҳои шартнома оид ба истифодаи мақсадноки маблағи қарз, ё поймол намудани ҳуқуқи назоратии қарздиҳанда ҳуқуқ дорад аз қарзгиранда пеш аз мӯҳлат пардохтани қарзро ва фоизи онро талаб намояд.



**Шартномаи қарзи давлатӣ – ин шартномаест, ки ҳамчун қарзгиранда давлат ба шуморрафта қарздиҳанда шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ мебошад.** Шартномаи қарзи давлатӣ бо усули аз ҷониби қарздиҳанда ба даст овардани вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки баровардашудаи давлатӣ, ки ҳуқуқи қарздиҳандаро барои аз қарзгиранда гирифтани маблағҳои пулии қарзи додашуда ё вобаста ба шарти қарз додани дигар амвол, фоизҳои муқарраршуда ё дигар ҳуқуқи амволиро дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартҳои ба муомилот баровардани вомбаргҳо тасдиқ менамояд, баста мешавад. Қарзҳои давлатӣ ихтиёрӣ мебошанд ва давлат ҳуқуқ надорад касеро маҷбур намояд, ки қарзро диҳад.

*ИН ВАРАҚАРО БА ДӮСТОН ВА НАЗДИКОНАТ НИШОН ДЕҲ!*

*Нишонии мо: ш.Душанбе, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ – 6*
*тел. 23-55-72*

*Созмони байналҳалқи ҳуқуқҳимоякунанди «Ҳуқуқ ва Беҳбуди»*

# Шартномаи қарз



Бо дастгирии молияви
(o)vib (Ҳоланд)